**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсия Қаландаров Сарабек Давлатёрович дар мавзуи «Нақши ВАО дар инъикоси равобити мутақобилаи Тоҷикистони соҳибистиқлол ва мамолики арабзабони Халиҷи Форс (Шоҳигарии Арабистони Саудӣ, Қатар ва Аморoти Муттаҳидаи Араб)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ.**

Дар замони Истиқлоли давлатӣ робитаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мамолики гуногуни дунё сифатан нав шуда, муносибатҳои сиёсию дипломатӣ, иҷтимоию фарҳангӣ ва илмӣ равнақи тоза касб кард, ки дар инъикоси он нақши воситаҳои ахбори омма калон аст. Дар байни мамлакатҳои дунё Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мамолики арабзабони Халиҷи Форс (Шоҳигарии Арабистони Саудӣ, Қатар ва Аморoти Муттаҳидаи Араб) равобити ҳасана барпо кардааст, ки дар оммавигардонии ин равобит ва муайянсозии вазъи муносибатҳои ин кишварҳо васоити ахбори омма саҳмгузор аст. Ин аст, ки таҳқиқи илмии инъикоси равобити мазкур яке аз масъалаҳои мубрами илмӣ ба шумор рафта, барои илми рӯзноманигорӣ муҳим аст, ки дараҷаи инъикоси муносибот ва ҳамкориҳои дуҷонибаи Тоҷикистон бо кишварҳои араби Халиҷи Форс дар ВАО ошкор гардад. Барои баррасии ин масъалаи муҳимми илмӣ муҳаққиқ Қаландаров Сарабек Давлатёрович камари ҳиммат баста, тахти унвони «Нақши ВАО дар инъикоси равобити мутақобилаи Тоҷикистони соҳибистиқлол ва мамолики арабзабони Халиҷи Форс (Шоҳигарии Арабистони Саудӣ, Қатар ва Аморoти Муттаҳидаи Араб) диссертатсияи доктoрӣ пешниҳод кардааст, ки аз ҳар ҷиҳат қобили дастгирист.

Диссертатсияи пешниҳодшуда ба ВАО-и Тоҷикистон ва кишварҳои араби Халиҷи Форс, бахусус, Агентии иттилоотии Саудӣ (وكالة الانباء السعودية), Агентии иттилоотии Қатар (وكالة الانباء القطرية), Агентии иттилоотии Аморот ( وكالة انباء الامارات) инчунин, АМИТ «Ховар», расонаҳои даврии АИ «Азия-Плюс» ва сомонаи «Pressa.tj» такя карда, мавқеи кишварҳои араб дар фазои ҷаҳони муосир, ҷанбаҳои таърихии робитаҳои Тоҷикистон бо кишварҳои арабзабон, вазъи кунунии муносибатҳои Тоҷикистон бо кишварҳои араби Халиҷи Форс, дараҷа ва таносуби инъикоси равобити дипломатӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ дар Агентиҳои иттилоотии араб, вижагиҳои мундариҷавии маводи АМИТ “Ховар” ва “Азия-Плюс” марбут ба воқеаҳои кишварҳои араби Халиҷи Форс, вижагиҳои жанрии маводи ВАО доир ба воқеаҳои Тоҷикистон ва кишварҳои араби Халиҷи Форс ва дигар масъалащои мущимми марбут ба мавзуъро дар чор боб ва 10 фасли кори диссертатсионӣ мавриди баррасии илмӣ қарор додааст.

Тавре аз мундариҷа ва матни рисола аён аст, тарҳрезии масоили марбут ба мавзуъ бо касбияти баланд ва ҳирфаӣ будани дараҷаи маълумоти диссертант сурат гирифта, пайдарҳамию зина ба зина будан таҳқиқ гувоҳи огоҳии комили муҳаққиқ аз масъалаҳои илмии мансуб ба мавзуи

матраҳшаванда мебошад. Ин раванд аз интихоби дурусти усулҳои таҳқиқ дарак дода, саҳми довталаби дараҷаи илмиро дар таҳқиқи назарии мавзуъ ва омӯзиши нақши агентиҳои иттилоотии Тоҷикистон ва кишварҳои араби Халиҷи Форс дар инъикоси ҳамкориҳои мутақобила муайян месозад.

Мукаммалии таҳқиқот боз дар он равшан зоҳир мегардад, ки бо қалами довталаби дараҷаи илмӣ 1 монография, 28 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 21 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия мунташир шуда, коркарди мавзуи кори диссертатсиониро таъмин менамояд ва ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд. Ҳаҷми умумии диссертатсия 384 саҳифаи чопи стандартии компютерӣ буда, барои ҳалли масоили дар мақсаду вазифаҳо пешниҳодшуда мусоидат кардааст.

Хулосаи кор дар 22 банди мукаммалу муназзам андешаҳои илмии муҳаққиқро ба таври мухтасар доир ба бобу фаслҳои диссертатсия фаро мегирад ва дар қавсайни мураббаъ овардани нишонии мақалаҳо гувоҳи он аст, ки онҳо аллакай дар маърази аҳли илму маърифат қарор дошта, оммавӣ шудаанд.

Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ комилан мантиқӣ буда, дархури кори муҳаққиқин будани масоили марбут мавзуъро мунъакис менамоянд.

Дар баробари дастовардҳо дар кор баъзе нуқсон ба назар расид, ки овардани онҳоро салоҳ донистем?

1. Боби аввали диссертатсия «Раванди ташаккули муносибатҳои Тоҷикистон бо кишварҳои араби Халиҷи Форс» унвон дорад ва доир ба ин масоил маълумоти кофӣ пешниҳод мешавад, аммо дар кадом ВАО инъикоси шудани онҳо зикр нашудааст.
2. Бо вуҷуди он ки навиштаҳои муаллифи рисола бисёр босаводона мебошанд, дар баъзе саҳифаҳо хатоҳои имлоию китобатӣ ба назар мерасад (саҳ.7, 12, 18, 22, 27, 63).

Бешубҳа, эродҳои мазкурислоҳшавандаанд ва арзиши баланди илмии рисоларо ба ҳеҷ ваҷҳ кам намекунанд. Муаллифи диссертатсия метавонад онҳоро зимни нашри монографии кор ислоҳ намояд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Қаландаров Сарабек Давлатёрович дар мавзуи «Нақши ВАО дар инъикоси равобити мутақобилаи Тоҷикистони соҳибистиқлол ва мамолики арабзабони Халиҷи Форс (Шоҳигарии Арабистони Саудӣ, Қатар ва Аморати Муттаҳидаи Араб)»)-ро анҷомёфта мешуморам. Мақсаду вазифаҳо ва масъалаҳои дар пеш гузоштаи унвонҷӯй пурра иҷро шудаанд ва онҳо бо забони фаҳмо ва фасеҳу равшан баён шудаанд.

Мавзуи интихобнамудаи унвонҷӯ ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ комилан мувофиқ аст.

Дар асоси автореферат метавон ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Қаландаров Сарабек Давлатёрович дар мавзуи «Нақши ВАО дар инъикоси равобити мутақобилаи Тоҷикистони соҳибистиқлол ва мамолики арабзабони Халиҷи Форс (Шоҳигарии Арабистони Саудӣ, Қатар ва

Амороти Муттаҳидаи Араб)»    ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ сазовор мебошад.

Тақризи мазкур бо назардошти талаботи бандҳои 71 ва 72-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, омода гардидааст.

**МУҚАРРИЗИ РАСМӢ:**
доктори илми филология, узви вобастаи АМИТ,
раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон                                С. Раҳматуллозода

**Нишонӣ:** 734018, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ,
кӯчаи Н.Қарабоев 84/ 4, ҳуҷраи 22.
Тел: +992 (37) 227 59 38.+992 (37) 227 78 29;
дастӣ: (992) 919 00 21 78.
Email: saxidodi@list.ru

**Имзои доктори илми филология, узви вобастаи АМИТ,
раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон С. Раҳматуллозодаро  тасдиқ мекунам.**
Сардори шуъбаи кадр ва корҳои махсуси
Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон                                Э. Сафарзода

**Маълумот барои тамос.**
**Нишонӣ**: 734000, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Беҳзод  25
Кумитаи забон ва истилоҳоти назди
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
Тамос: (992) 919 00 21 78.
Email: saxidodi@list.ru
«10» октябри соли 2025